*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 25 (4608) | ЧОРШАНБЕ, 15 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**15-уми феврали соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот доир ба боришоти барфи шадиду фаромадани тарма, ки ба талафоти ҷонӣ ва хисороти моддӣ боис шудааст ва оид ба бартараф кардани оқибатҳои офати табиӣ дар шаҳри Хоруғ суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Ёдовар мешавем, ки дар натиҷаи боришоти барфи зиёд дар се шабонарӯзи охир баландии барф бештар аз як метрро ташкил дода, дар шаҳри Хоруғ тарма фаромад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҳар чӣ зудтар бартараф кардани оқибатҳои офати табиӣ ва расонидани кумаки моддӣ ба оилаҳои зарардидагон ба Сарвазири мамлакат, роҳбарияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

## ҲАМДАРДИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАЪСИСИ КОМИССИЯИ ДАВЛАТӢ

### ОИД БА БАРТАРАФ КАРДАНИ ОҚИБАТҲОИ ОФАТИ ТАБИӢ ДАР ШАҲРИ ХОРУҒИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**15-уми феврали соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба офатҳои табиӣ, аз ҷумла фаромадани тарма дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти моддӣ гардид, ба пайвандону наздикони шахсони ҳалокшуда изҳори тасаллият карданд.**

Бо супориши Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳисоби шахсони масъули Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарони аввали як қатор вазорату кумитаҳо Комиссияи давлатӣ оид ба бартараф кардани оқибатҳои офати табиӣ таъсис дода шуд.

Дар асоси дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аъзои Комиссияи давлатӣ оид ба бартараф кардани оқибатҳои офати табиӣ вазифадор шуданд, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин оқибатҳои офати табииро бартараф карда, ба оилаҳои зарардида кумаки моддии Ҳукумати мамлакатро, аз қабили маҳсулоти хӯрока, сарулибоси гарм ва дигар ашёи зарурии рӯзгор, дастрас намоянд.

Таъкид бояд кард, ки рафти бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ таҳти назорати шахсии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

**www.president.tj**

---

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

## ДОИР БА ҲУҶҶАТ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**15-уми феврали соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашӯриён, муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Солеҳзода, муовини директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримӣ ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашӯриён Музаффар Қурбонмуҳаммад дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффар АШӮРИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» дар маҷмӯъ масъалаҳоро вобаста ба ситонидани боҷи давлатӣ барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он, аз ҷумла бақайдгирии давлатии ташкилотҳои адвокатӣ, анҷом додани амалиёти нотариалӣ ва бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешбинӣ менамояд.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба қисми 6 моддаи 4 банди 28) илова гардида, тибқи он барои додани нусхаи тасдиқкардашуда (дубликат) – и шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилотҳои адвокатӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст, ситонида мешавад.

Бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳо ба муқаррароти моддаи



53[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ба банди 14) қисми 7 моддаи 4 иловаҳо ворид гардида, тибқи он барои аз ҷониби нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор тасдиқ кардани ухдадориҳо ва розигиҳо, ки мазмуни онҳо аҳди яктарафаро ифода мекунанд ва розигиҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи нотариалии онҳоро ҳатмӣ кардааст, боҷи давлатӣ пешбинӣ карда мешавад.



Ҳамчунин, тибқи лоиҳаи қонун қисми 13 моддаи 4 ва қисми 4 моддаи 5 дар таҳрири нав ифода карда мешаванд.

Муқаррароти қисми 13 ба талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» мутобиқ карда шуда, андозаи боҷи давлатӣ барои анҷом додани бархе аз амалиёт зиёд карда шуд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, бекор кардани ақди никоҳ дар ду-се соли охир рӯ ба афзоиш ниҳода, шумораи зиёди кӯдакони ноболиғ аз тарбияи яке аз волидон маҳрум мегарданд. Дар маҷмӯъ, зиёда аз чор се ҳиссаи бекоршавии ақди никоҳ дар асоси ҳалномаи суд сурат мегирад. Аз ин рӯ, бо мақсади то андозае коҳиш додани бекоршавии ақди никоҳ бо ҳалномаи суд ва дар асоси аризаи муштараки ҳамсарон андозаи боҷи давлатӣ аз як ва якунимкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо мувофиқан ба ҳафт ва панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд карда шуд.

Бинобар сабаби он ки бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ на танҳо додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандии дахлдор, балки тартиб додани сабт ва анҷом додани дигар амалиёти вобаста ба сабтро дар бар мегирад, андозаи боҷи давлатӣ барои ворид намудани ислоҳ, тағйир ва иловаҳо ба сабти асноди таваллуд, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ ва вафот, инчунин додани шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ мувофиқан ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мегардад.

Қисми 4 моддаи 5 лоиҳаи қонун дар таҳрири нав ифода гардида, дар он танҳо имтиёз дар хусуси озод кардан аз боҷи давлатӣ барои амалиёте, ки ҷиҳати анҷом додани онҳо дар моддаҳои дахлдори қонуни мазкур боҷи давлатӣ муқаррар карда шудааст, пешбинӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, тағйиру иловаҳои дигари пешниҳодгардида баҳри бартараф намудани такроршавӣ, зиддият ва гуногунфаҳмии меъёрҳо, ҳифзи сирри амалиёти нотариалӣ, нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар бойгонӣ, сифати хизматрасонии ҳуқуқӣ, ки ба талаботи замон бояд ҷавобгӯ бошанд, мутобиқ намудани меъёрҳои қонун ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият», «Дар бораи нотариати давлатӣ», кодексҳои гражданӣ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кам кардани монеаҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Маҳмадалӣ Қурбонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадалӣ ҚУРБОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Он бо мақсади мутобиқ гардонидан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои хизматрасонии иловагии ҳуқуқии музднок ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи тасдиқ намудани шакли бланкҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва бланки шаҳодатномаҳое, ки дар асоси сабтҳо дода мешаванд, бланки дигар ҳуҷҷатҳое, ки фактҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро тасдиқ мекунанд ва шакли варақаҳои ариза дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ намуда, 36 таклифу дархост пешниҳод карданд, ки қисме аз онҳо қабул ва қисми дигараш қабул нагардид.

Таклифҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Умед дода мешавад. Марҳамат.

**Умед СОЛЕҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии Шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», ки бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 – юми декабри соли 2022 супориш доданд, ки аз якуми июли соли 2023 пардохти андоз ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин, барои беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ба мақомоти гуногун супоришҳои мушаххас дода шуд. Иҷрои ин супоришҳои Пешвои миллат истифодаи васеи имзои электронӣ ва ҳуҷҷатҳои электрониро тақозо менамояд.

Ҳоло дар кишвар амалишавии чорабиниҳои гуногун дар самти иҷрои муқаррароти Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 643 аз 30 - юми декабри соли 2011 тасдиқ карда шудааст, идома доранд. Мутобиқи консепсияи мазкур ба сифати қисматҳои асосии инфрасохтори электронӣ гардиши воситаҳои имзои электронӣ - рақамӣ, ҳуҷҷатгузории электронӣ, савдои электронӣ ва дигар унсурҳо эътироф карда шудаанд. Инчунин, тибқи консепсияи мазкур ба сифати афзалиятҳои асосӣ ва самтҳои ташаккули ҳукумати электронӣ таъсиси заминаи зарурии меъёрии ҳуқуқии ташаккули ҳукумати электронӣ, ки ба сифати яке аз қисматҳои он рушди қонунгузорӣ, ки истифодаи имзои электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намуда, бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамоҳанг менамояд, баромад мекунад.



Лозим ба ёдоварист, ки дар шароити ҳозира масоили марбут ба истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ тибқи ду санади қонунгузорӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10 – уми майи соли 2002 (бо назардошту тағйироту иловаҳо) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 - юми июли соли 2007 (бо назардошти тағйироту иловаҳо) мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Қонунҳои дарҷгардида баҳри ба танзим даровардани муносибатҳои гуногуне, ки дар раванди истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ, аз ҷумла муносибатҳо оид ба истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ, сохти ҳуҷҷати электронӣ, имконияти истифодаи ҳуҷҷати электронӣ дар раванди ҳуҷҷатгузории субъектони алоҳида, хусусиятҳои имзои электронии рақамӣ, истифодаи калидҳои имзои электронии рақамӣ, асосҳои эътибornокии имзои электронии рақамӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба онҳо ба миён меоянд, равона шудаанд.

Ҳарчанд аз ҷониби ду қонуни алоҳида муносибатҳои марбут ба истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд, мутобиқан, имзои электронии рақамӣ барои имзои ҳуҷҷати электронӣ равона шуда, шахсияти имзокунандаро мушаххас ва ҳимояи ҳуҷҷати электрониро таъмин менамояд. Ҳар ду қонун асосан ду паҳлуи як масъалаи умумӣ - истифодаи ҳуҷҷати электронӣ, яъне ҳуҷҷате, ки бо истифода аз имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудааст, мавриди танзим қарор медиҳанд.

Новобаста ба амали қонунҳои дарҷгардида, дар муносибатҳои марбут ба истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ, як қатор саволҳо ва мушкилиҳо дар таҷриба ба миён меоянд, ки онҳо садди роҳи истифодаи васеи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ гардидаанд. Аз ҷумла, ба таври гуногун муқаррар карда шудани мафҳумҳо ва хусусиятҳои ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ дар ду қонун ба таври алоҳида, муқаррар карда нашудани қоидаҳои мушаххас оид ба имконияти истифода бурда шудани ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ дар раванди бастани шартномаҳои гуногуни мадании ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани дигар аҳдҳо ва дигар муносибатҳо дарҷ карда нашудаанд.

Истифодаи васеи технология ҷиҳати мушаххас намудани субъекти аҳдҳои алоҳида, ки имрӯзҳо аз ҷониби бонкҳо, дигар ташкилотҳои қарзӣ ва операторони алоқаи мобилӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани хизматҳои гуногун васеъ истифода бурда шуда истодаанд, на танҳо дар қонунҳои дарҷгардида, балки дар қонунгузории ҷорӣ, дар маҷмӯъ, ба таври дахлдор мавриди танзим қарор дода нашудаанд.

Бо назардошти аз байн бурдани чунин холигӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдор лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» мутобиқи Протоколи ҷаласаи XXI Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ аз 25 – уми феврали соли 2021, ҷиҳати истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва корбарии электронӣ дар раванди ҳуҷҷатгузориҳои давлатӣ, молиявию бонкӣ, андозу гумрук ва дигар соҳаҳо ва бо ин васила ҷорӣ кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ ва истифодаи васеи имзоҳои электронӣ дар раванди чунин ҳуҷҷатгузориҳо, аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ таҳия гардид.

Қабули лоиҳаи қонун барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин равона шудааст:

1. Аз лиҳози иқтисодӣ лоиҳаи қонун ҷиҳати аз байн бурдани хароҷоти субъектони муносибатҳои дахлдор, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, инчунин барои таъсиси шахсони ҳуқуқии нав ва ҷойҳои кори холии нав заминаи ҳуқуқиро ба миён хоҳад овард, зеро дар ҳолати истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзоҳои рақамӣ дар ҷараёни коргузории байни мақомоти давлатӣ бо муносибат бо дигар субъектон, инчунин дар коргузории дохилии мақомоти давлатӣ, як қатор

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ДОИР БА ҲУҶҶАТ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

харољоти ин мақомоти давлатӣ, ки барои харидории воситаҳои дахлдор барои таъмини коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ равона карда шуда, ин маблағҳо аз ҳисоби буҷет ба ин мақомоти давлатӣ ҷудогардида сарф карда мешаванд, кам гардида, маблағҳои захирашуда барои рӯйпӯш намудани дигар харољоти мақомоти давлатӣ равона карда мешаванд.

2. Дар самти таъсис додани шахсони ҳуқуқии нав ва ҷойҳои кори нав бошад, лоиҳаи қонун низ заминаи ҳуқуқии дахлдорро ба миён оварда, муқаррароти он барои боз ҳам бештар гардидани шумораи марказҳои тасдиқкунанда (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ), ташкил шудани ҷойҳои кори нав ва бо ин васила ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ аз пардохтҳои андозии ин субъектон равона карда шудааст.

3. Дар лоиҳаи қонун, бо фарқ аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» дар таҳрири амалкунанда ибораи «имзои электронии рақамӣ» ба ибораи «имзои электронӣ» иваз карда шудааст. Сабаби чунин ивазнамоии ибораи мазкур дар он аст, ки имзои электронии рақамӣ хусусияти рақамиро доро буда, дар асоси технологияи мушаххас мавриди истифода қарор дода мешавад ва аз ин сабаб имзои электронии ғайрирақамиро истисно менамояд, аммо дар таҷриба маҳз истифодаи васеи имзоҳои электронии ғайрирақамӣ мушоҳида карда мешавад. Бо дарназардошти ин, дар лоиҳаи қонун мафҳуми васеи имзои электронӣ, ки дарбаргирандаи ҳам имзои электронии рақамӣ ва ҳам имзои электронии одӣ (ғайрирақамӣ) мебошад, дарҷ карда шудааст.

4. Дар лоиҳаи қонун имконияти таъсис намудани марказҳои тасдиққунанда дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият пешбинӣ карда шудааст, ки барои боз ҳам инкишоф ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ дар самти мазкур ва таъмин намудани рақобати солим заминаҳои ҳуқуқӣ хоҳад гузошт.

Дар ҷараёни коркарди лоиҳаи қонуни мазкур таҷрибаи давлатҳои дигар, ки дар онҳо истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзоҳои электронӣ то ба қадри дахлдор рушд ёфтаанд, аз қабили Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Покистон ва дигар давлатҳо мавриди истифода қарор дода шуданд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, аз шумо, вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикршударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Юсуфӣ Муҳаммадраҳим дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳаммадраҳим ЮСУФӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Он бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 – уми ноябри соли 2022 таҳти №1459 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

Лоиҳаи қонун ба хотири ҷорӣ кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ ва истифодаи васеи имзоҳои электронӣ дар раванди ҳуҷҷатгузориҳои давлатӣ, молиявию бонкӣ, андозу гумрук ва дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ таҳия гардида, муносибатҳои гуногуне, ки дар раванди истифодаи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ, аз ҷумла истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ, сохти ҳуҷҷати электронӣ, имкониятҳои истифодаи ҳуҷҷати электронӣ дар раванди ҳуҷҷатгузории субъектҳои алоҳида, истифодаи калидҳои имзои электронии рақамӣ, асосҳои эътирофнокии имзои электронии рақамиро танзим менамояд.

Ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронии рақамӣ мувофиқи ду санади қонунгузорӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10 – уми майи соли 2002 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 - юми июли соли 2007 мавриди амал қарор доранд.

Қонунҳои амалкунанда – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» якҷоя карда шудаанд, ки моҳиятан муносибатҳои ба ҳам якхелаи ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Дар рафти таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур таҷрибаи давлатҳои дигар, ки дар онҳо истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва имзоҳои электронӣ то ба қадри имкон рушд ёфтаанд (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Покистон ва дигар давлатҳо), мавриди истифода қарор дода шуданд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ карда, баҳри такмили он 31 таклиф манзур намуданд, ки аз он 14 таклиф қабул, 4 пешниҳод қисман қабул ва 13 пешниҳоди дигар қабул нашуданд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Деваштич №24 Исмоилиён Комрон Исмоилзода дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Пешниҳод гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» идомаи мантиқии татбиқи ҳадафҳои дар Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида буда, ба иҷрои дастуру ҳидоятҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



нигаронида шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки мукаммалсозии қонунгузорӣ дар самти рақамикунонӣ яке аз мавзӯъҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи байналмилалии ҷумҳуриамон маҳсуб ёфта, инчунин сатҳу сифати хизматрасониҳоро ба мардум беҳтар мегардонад. Хусусан, ба шаффофият ва бидуни омили инсонию бо сарфаи вақт пешниҳоду гирифтани маълумот мусоидат менамояд. Масалан, дар шароити ҳозира зиёда аз 60 намуди хизматрасонии низоми андозсупорӣ тариқи электронӣ роҳандозӣ гардида, наздики 145 ҳазор субъекти хоҷагидор эъломияҳои андозро электронӣ пешниҳод менамоянд.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзуллозода Зафар дода мешавад. Марҳамат.

**Зафар ФАЙЗУЛЛОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо назардошти ҷорӣ намудани ҳуҷҷатҳои электронӣ ва истифодаи васеи имзоҳои электронӣ дар раванди ҳуҷҷатгузориҳои давлатӣ, молиявию бонкӣ, андозу гумрук ва дигар соҳаҳо таҳия гардидааст.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ҷиҳати такмили он 4 таклиф пешниҳод намуд, ки ҳамаи онҳо қабул ва дар лоиҳа ба назар гирифта шуданд.



Мавриди зикр аст, ки ду қонуни амалкунанда, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» асосан ду паҳлуи як масъалаи умумӣ, истифодаи ҳуҷҷати электронӣ, яъне ҳуҷҷатеро, ки бо истифода аз имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудааст, мавриди танзим қарор медиҳанд. Бо дар назардошти ин, қонунҳои амалкунанда якҷоя шудаанд, ки моҳиятан муносибатҳои ба ҳам якхелаи ҷамъиятиро танзим менамоянд.

Дар лоиҳаи қонун пешбинӣ гардидани имконияти таъсис намудани марказҳои тасдиққунанда дар заминаи шаклҳои гуногуни моликият барои боз ҳам инкишоф ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмин намудани рақобати солим заминаҳои ҳуқуқӣ хоҳад гузошт.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ Бобоҷониён Раънохон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Раънохон БОБОҶОНИЁН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ҳамқадами замон будан аст, зеро сол то сол аз ҳуҷҷатҳои электронӣ шурӯъ гардида, то зеҳни сунъӣ мафҳумҳои ҳам аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳам аз нигоҳи истифодабарӣ, дар ҷомеа бештар маъмулӣ мегарданд. Қонуни мазкур аз 8 боб, 38 модда иборат буда, танҳо дар моддаи 1-ум 23 мафҳуми асосӣ, аз ҷумла чӣ будани имзои электронии одӣ, имзои электронии мукаммал, имзои электронии ҳифзшуда, сертификати воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда маълумот дода мешавад. Суол ба миён меояд, ки ҳуҷҷати электронӣ дар кадом соҳаҳо амалӣ мешавад? Дар моддаи 7 қонуни мазкур омада-



аст, ки «Ҳуҷҷати электронӣ метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолият, ки дар онҳо воситаҳои барномавӣ ва техникии барои омода, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва қабули иттилоот заруранд, истифода шавад». Ҳамчунин, бо ёрии ҳуҷҷатҳои электронӣ аҳдҳо ба амал бароварда шуда (шартномаҳо баста шаванд), ҳисоббаробаркуниҳо, мукотибот, интиқоли ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигар ба роҳ монда мешаванд.

Дар баробари он, масъалаи муҳим ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ мебошад. Мо шоҳиди он ҳастем, ки дар дунёи рақамӣ вирусҳо ва ҳамлаҳои хакерӣ ба иқтисодиёти ширкатҳои бузургтарин таъсири манфӣ мерасонанд. Моддаи 13 ба ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ бахшида шудааст. Дар асоси он шахсоне, ки ба омода кардан, коркард, қабул, интиқол ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ машғуланд, бояд аз воситаҳои барномавӣ ва техникие истифода баранд, ки сатҳи зарурии ҳифзи ин гуна ҳуҷҷатҳоро аз тағйироти беиҷозат таъмин менамоянд.

Ин қонун ба омода кардани кадрҳои барномасоз, IT-мутахассисон таваҷҷуҳи хоса медиҳад, талабот ба онҳо меафзояд. Чунончи, дар моддаи 21 қонун «ҳангоми омода кардани имзои электронии мукаммал субъектҳои истифодабарандаи ин намуди имзо бояд талаботи зеринро таъмин намоянд:

1) мавҷудияти мутахассисони дахлдор дар воҳиди кории худ;».

Гузашта аз ин, қабули қонуни имзои электронӣ кумак мекунад, ки дар раванди имзои ҳуҷҷатҳо огоҳонатар муносибат намоем. Ҳоло, бисёр одамон дар бораи чизҳои муҳим, ба монанди амнияти иттилоотӣ, гигиенаи рақамӣ ва дигар мафҳумҳо аз муҳити рақамӣ фикр мекунанд. Қабули қонуни мазкур дар ин самт кори муштариёнро осон менамояд. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» мукаммал аст. Мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад? Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» шурӯъ мекунем.

Сухан ба муовини директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримӣ Равшан дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан КАРИМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Хариди давлатӣ ҳамчун низоми харољоти сарфакорона ва самараноки маблағҳои давлатӣ солҳои охир дар асоси сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ислоҳот қарор дода шуда, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ба такмили қонунгузории хариди давлатӣ ва роҳандозии низоми муосири хариди давлатии электронӣ равона карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» соли 2006 қабул гардида, ба он соли 2012 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Минбаъд, такмили қонунгузории хариди давлатӣ бо «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми декабри соли 2016 таҳти №531 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017» пешбинӣ карда шуда, таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» дар доираи «Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» оғоз гардид.

Зимни таҳияи лоиҳаи қонун, ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 – уми октябри соли 2014 таҳти №691 «Дар бораи барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» ва «Протокол миёни давлатҳо-иштирокчиёни шартнома оид ба минтақаи савдои озод аз 18 - уми октябри соли 2011 дар бораи қоидаҳо ва танзими расмиёти хариди давлатӣ» ба назар гирифта шудаанд.

Бо ин мақсад, дар лоиҳаи қонун принсипҳо, меъёрҳо ва муқаррароти дахлдори қонуни қолабии Созмони Милали Муттаҳҳид ЮНСИТРАЛ ва Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба хариди давлатӣ пешбинӣ карда шудаанд. Ҷиҳати таҳияи лоиҳаи қонун мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Котиботи Созмони умумиҷаҳонии савдо кумаки техникӣ расонида шуда, лоиҳаи қонун бо роҳи баргузории гуфтушунидҳои дуҷониба бо ҳар як кишвар - аъзои Созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо оид ба хариди давлатӣ мувофиқа гардид.

Ҳадафи асосии қабули қонун такмили механизмҳои мавҷуда ва ҷорӣ кардани усулу механизмҳои нави хариди давлатӣ, ки амалияи беҳтарини байналмилалиро дар бар гирифта, дар кишварҳои зиёди ҷаҳон роҳандозӣ гардида истодаанд, ба ҳисоб рафта, қабули он ба беҳтар гардидани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар қиёс ба қонуни амалкунанда, лоиҳаи қонун нисбат ба харидҳои давлатӣ ҷиҳати таъмини мудофиаи миллӣ, амнияти миллӣ, сирри давлатӣ, металл ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин барои рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулода ва дигар ҳолатҳои ногаҳонӣ, ки айни ҳол мутобиқи моддаи 1 қонуни амалкунанда аз доираи амал истисно гардидаанд, татбиқ мегардад. Хариди давлатӣ бо мақсадҳои зикршуда мутобиқи банди 11 - уми «Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд» дар доираи «Нақшаи амалиёти Истанбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ» бояд бо қонунгузории хариди давлатӣ фаро гирифта шуда, дар баробари чунин харидҳо тибқи усул ва механизмҳое, ки амнияти миллӣ, сирри давлатӣ ва қонеъ кардани эҳтиёҷоти фавриро таъмин мекунанд, анҷом дода мешавад.



Доираи амали қонуни нав бо дарназардошти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои шарикони рушд, ки лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро маблағгузорӣ менамоянд, муайян карда шудааст.

Дар қонуни амалкунанда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои гуногун оварда шуда, мутобиқи лоиҳаи қонун доираи салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як модда - моддаи 6-ум муқаррар гардидааст.

Бо назардошти хусусияти фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, нисбат ба онҳо муқаррароти дахлдор вобаста ба фаъолияташон ҳам ба ҳайси ташкилоти харидор ва ҳам таҳвилгар (паймонкор) пешбинӣ карда шудааст. Инчунин, дар боби 2 тасдиқи тартиби харид барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Марҳилаи расмиёти омодагӣ ба харид мукаммал гардонида шудааст, аз ҷумла тибқи тавсияҳои коршиносони байналмилалӣ раванди банақшагирии харид мушаххастар гардонида шуда, моддаҳои нав оид ба машварати пешакии бозор, ҳисоби арзиши тахминии харид ва тавсифоти техникии предмети харид, ки табъйизи эҳтимолии таҳвилгарону паймонкоронро пешгирӣ менамоянд, пешбинӣ карда мешаванд.

Бо мақсади истифодаи воситаҳои муосири дар ҷаҳон пазируфташуда, ки сарфаи бештари маблағҳои давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии харид, шаффофияти расмиёти харид ва рушди рақобати солимро миёни иштирокчиёни озмунҳо таъмин менамояд, усулҳои нави харид - созишномаҳои қолабӣ, музоядаҳои электронии баръакс ва музокироти рақобатӣ ҷорӣ хоҳанд гардид. Инчунин, дар боби 4-ум харидҳо бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии минбаъд қабулшаванда пешбинӣ карда шуда, бевосита дар лоиҳаи қонун ба таври афзалиятнок харидории маҳсулоти истеҳсолменамудаи муассисаю корхонаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар мегардад.

Боби 5-ум моддаҳои нав – «Муомила бо маълумоти дорои сирри давлатӣ», «Муросилот дар расмиёти харид ва истифодаи воситаҳои электронӣ», «Рӯйхати истифодаи бисёркарата» ва «Пешниҳодҳои озмунӣ бо нархи ғайритабиӣ паст» - ро пешбинӣ намуда, ҳамзамон ҷанбаҳои дигари расмиёти хариди давлатиро мукаммал мегардонад.

Мутобиқи боби 6-ум, расмиёти хариди давлатӣ такмил дода мешавад, аз ҷумла раванди арзёбии пешниҳодҳои озмунӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, инчунин меъёрҳои нав нисбат ба истифодаи усулҳои «дархости нархнома» ва «хариди мустақим» муқаррар мегарданд.

Мувофиқи тавсияҳои шарикони рушд, бо моддаи 61 мақоми нави мустақил - Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо таъсис дода шуда, ҳадаф аз он баррасии холисонаи арзу шикоятҳои таҳвилгарон ва паймонкорон мебошад. Бо таъсис ва фаъолияти комиссияи мазкур ҳуқуқу манфиатҳои қонунии таҳвилгарон ва паймонкорон ҳифз гардида, рушди рақобати солим ва пешгирии амалу қарорҳои хилофи қонун таъмин хоҳад гардид.

Яке аз марҳилаи муҳими хариди давлатӣ иҷрои шартномаҳои хариди давлатӣ маҳсуб ёфта, бо мақсади пурра танзим гардидани он муқарраоти танзимкунандаи марҳилаи мазкур бо боби 8 такмил ва васеъ карда шудааст. Моддаҳои нав – «Масъулият барои маъмурикунонӣ ва назорати иҷрои шартномаи харид», «Тасҳеҳи нархҳо», «Пудрати фаръӣ ва гузашт» ва «Азназаргузаронии мол, кор ва хизматрасонӣ» доираи ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳои шартномаи харидро муайян намуда, принсипҳои маъмурикунонии шартномаро мушаххас менамоянд.

Бо мақсади таъмини беғаразии расмиёти хариди давлатӣ ва пешгирии сабабу шароити ба коррупсия мусоидаткунанда, боби нав - боби 9-ум «Маҳдудиятҳо ҳангоми гузаронидани хариди давлатӣ» пешбинӣ карда шуда, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳои хизматчиёни давлатӣ мушаххастар мегарданд.

Инчунин, бо назардошти таҷрибаи андӯхта ҳолатҳое, ки мувофиқи онҳо таҳвилгарон ва паймонкорон ба феҳристи таҳвилгарони (паймонкорони) беэътимод (бевиҷдон) бинобар содир кардани кирдорҳои номатлуб ворид карда мешаванд, васеъ карда шудааст.

Қабул ва мавриди иҷро қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» барои ноил гаштан ба ҳадафҳои низоми хариди давлатӣ, аз қабили сарфакорона ва самаранок истифода намудани маблағҳо бо роҳандозии усулҳои нави хариди давлатӣ, таъмини рақобат дар доираи расмиёти шаффофи хариди давлатӣ ва беғаразии шахсони масъул, такмили расмиёти харид ва ҷорӣ гардидани механизмҳои муассир, назорати иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва дар маҷмӯъ такмили фаъолияти харидорӣ ва ташаккули фазои ягона ва устувори низоми хариди давлатӣ дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шартномаҳои байналмилалӣ эътироф шудаанд, фароҳам меорад.

Татбиқи қонуни мазкур маблағгузории иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб накарда, омӯзонидани ташкилотҳои харидор ва бахши хусусӣ ҷиҳати фаъолият дар низоми такмилдодашуда аз ҳисоби маблағҳои «Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ» ва грантҳои шарикони рушд амалӣ мегардад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Раҳматзода Рустам дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Вобаста ба мазмун ва муҳтавои лоиҳаи қонуни мазкур муовини директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримӣ муфассал маълумот доданд.

Лоиҳаи қонун бо мақсади таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ ва мутобиқ намудани он ба меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ, ки аз ухдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо бармеоянд, таҳия гардида, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ марбут ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ равона шудааст.



Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулоса ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Кумитаҳо ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон қабул кардани лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он зиёда аз 150 таклифу пешниҳод манзур гардид, ки аксарияти онҳо дастгирӣ ёфтанд.

Лоиҳаи қонун расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузории мамлакат, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» овоз диҳед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддинзода Мавзуна дода мешавад.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба истифодаи самарабахш ва сарфакоронаи маблағҳои давлатӣ равона гардида, барои рушди устувор ва иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд.



Низоми қоидаҳо ва муносибати амалӣ, ки қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, барои кам кардани таъсири манфӣ ва мусоидат ба таъсири эҳтимолии мусбат ба муҳити зист, фароҳам овардани имкониятҳо барои соҳибкории хурду миёна, умуман ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоиёт равона гардидааст.

Бояд қайд кард, ки усулҳо ва расмиёти хариди давлатӣ дар лоиҳаи қонун пешбинӣ гардида, барои иштирокчиёни хариди давлатӣ имкониятҳои ба онҳо манфиатоварро таъмин менамояд.

Ҳама хуб медонанд, ки ин нуқта барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ки маҳаки асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб мераванд, бисёр муҳим аст.

Қонуни мазкур заминаи ҳуқуқии кафолати хариди давлатии озуқаи ҳаётан муҳимро барои аҳолии кишвар фароҳам меоварад. Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» овоз диҳед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрзода Ғиёсиддин дода мешавад.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» бо мақсади такмили қонунгузории хариди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ ва расмиёти танзими хариди давлатӣ мувофиқ будан таҳия карда шуда, он рӯзмарра мебошад.



Лоиҳаи қонуни мазкур, инчунин мукаммалгардонии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ доир ба принсипҳои хариди давлатӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ, хариди давлатии электронӣ, харидҳо бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоӣ, ҷанбаҳои умумии расмиёти харидро дар бар мегирад, ки қобили дастгирист.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи қонунро баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуда, аз шумо, вакилони гиромӣ, низ эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Маҳмудҷон УСМОНОВ,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## 62 ҲАЗОРУ 254 СОМОНӢ.

### Маблағе, ки суд барои нақзи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рӯёнид



**Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Муҳаммадҷонзода 9-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ аз риоя нашудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» нигаронӣ кард.**

Соли гузашта бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ба тасвиб расид, ки Кумитаи забон ва истилоҳот онро дар шакли китобча аз чоп баровarda, дастраси идораву муассисаҳо намуд. Қоида ва аломатҳо тавассути телевизион ҳам шарҳу тавзеҳ дода шуданд, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр вазорату идораҳо, ҷамъиятҳои саҳомии кушода ҳоло ҳам аз қоидаҳои имлои пештара, ки аз эътибор соқит шудааст, истифода мешавад.

Ба гуфти раиси кумита, ин омил ҳоло дар коргузорӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ духӯрагиро пеш овардааст. Таъкид гардид, ки ин муддат кормандони кумита овезаҳои тарғиботии соҳибкорони инфиродиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Маълум шуд риоя нагардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бештар дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд ба назар мерасанд.

Соли 2022 аз ҷониби мақомоти судӣ барои риоя нагардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 78 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шуда, 68 ҳазору 23 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Аз ин маблағ 62 ҳазору 254 сомонӣ рӯёнида шуд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**




## ДОХИЛШАВИИ ДУХТАРОН РӮ БА АФЗОИШ АСТ

**Ба таҳсил фаро гирифтани духтарон яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Соли таҳсили 2021 - 2022 аз шумораи умумии 74 ҳазору 92 нафар духтарони синфи 9, бо дарназардошти ба муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дохил шудан, 60 ҳазору 378 нафар ё 81,5 дарсад ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Таҳлилҳои панҷ соли охир нишон медиҳанд, ки дохилшавии хатмкунандагони синфи 11 ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар соли 2018 ин нишондод 35, 8 дарсадро ташкил дода бошад, соли 2022 ин нишондиҳанда ба 46 дарсад расидааст.**



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи кор бо занон ва оила назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода иттилоъ дод ва афзуд, ки бо мақсади расонидани кумаки равонӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ дар доираи амалишавии ташаббуси «Нури рӯшноӣ» кумита якҷо бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид фаъолияти Маркази захиравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ ва баробарии гендерӣ телефони 1313 - ро ба роҳ монд. Дар ин давра ба Маркази захиравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ ва баробарии гендерии назди кумита 1621 нафар муроҷиат карданд, ки аз он 1422 нафар зан ва 199 нафарро мардон ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, дар нишаст зикр шуд, ки ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок яке аз василаҳои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии занон ва оилаҳо ба ҳисоб меравад. Соли 2022 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии низоми бонкӣ 3 млн. 729 ҳазору 32, 4 сомонӣ (35,4 фоиз аз ҳаҷми умумӣ) ба 760 ҳазору 939 нафар занону бонувон қарзҳо дода шудааст.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ, «Садои мардум»**

## Абдулҳаким РОЗИҚЗОДА: «ДАР ИЛМ СИРҚАТ БОЯД НАБОШАД»

**Зимни нишасти матбуотии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси он Абдулҳаким Розиқзода дар бораи камбудиҳои соҳа гуфта, суханонашро бо далелҳои раднопазир тақвият бахшид.**



Бино ба гуфти номбурда, дар раванди омода кардани кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ ҳолатҳои шитобкорӣ, саҳлангорӣ ва як навъ муносибати рӯякӣ нисбат ба онҳое, ки роҳи пурмашаққату заҳматталаби илмро интихоб кардаанд, ба назар мерасад. Баҳри таъҷилан ва осон «олим» кардани шогирдон, мутаассифона, баъзе олимони муҳтарам ба сохтакориҳо низ даст мезананд. Роҳбарони илмӣ, экспертҳои дохилӣ, муқарризони расмӣ ва муассисаҳои пешбар баъзе диссертатсияҳоро ҷиддӣ таҳрир ва муҳокима намекунанд ва дар натиҷа, таҳқиқоти пурғалату камарзиш дар Шӯрои диссертатсионӣ ҳимоя мешаванд. Асолати баъзе диссертатсияҳо хеле паст буда, аз таҳқиқоти дигарон рӯйбардор мешаванд, ки дар ин маврид мисолҳои дақиқ дар комиссия хеле фаровон аст.

- Ин ҷо ёдовар шудан аз таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба мавзӯъ иртиботи бевосита дорад, бисёр бамаврид аст: баъзе довталабони тоҷик... «роҳи осон ва камзаҳмати илмро пеш гирифта, аз рисолаҳои илмии олимони кишварҳои хориҷӣ истифода карданд», - афзуд номбурда.

Корманди рӯзнома доир ба ҷавобгӯи талаботи замон набудани баъзе рисолаҳои илмӣ савол дод. Абдулҳаким Розиқзода комилан ҳамфикр буданашро вобаста ба саволи пешниҳодгардида баён карда, илова намуд, ки диссертатсияҳое низ манзур мегарданд, ки ба асосҳои сохти конститутсионии кишвар, принсипҳои дунявият ва пояҳои давлатдорӣ мухолифат мекунанд.

- Тамоюли дигаре, ки хеле хатарзо буда, комиссияро бетараф гузошта наметавонад савияи паст ва дониши казоӣ (ҳатто доир ба диссертатсияашон) надоштани баъзе аз довталабон мебошад. Ҳангоми аз рӯйи зарурат ба Шӯрои экспертҳо даъват шудани довталабон ҳолатҳое ошкор мегардад, ки диссертатсияҳо аз тарафи довталабон таълиф нашудаанд.

Чунин тамоюл низ ба мушоҳида мерасад, ки мавзӯъҳои таҳқиқоти илмӣ чандон мубрам набуда, аз забони русӣ тарҷума ё аз хатти форсӣ баргардон шудаанд, - нигаронӣ кард раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Маълум гардид, ки аз ибтидои фаъолияти комиссия то 31-уми декабри соли 2022 барои таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ аз муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба комиссия 255 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 128 дархост қонеъ, 124 дархост бо сабаби ҷавобгӯ набудан ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда рад шудаанд ва се дархости дигар дар баррасӣ қарор доранд.

Мутаассифона, ҳоло ҳам дар фаъолияти шӯроҳои зикршуда хунукназариву бемасъулиятӣ мушоҳида мегардад. Чандин ҳолате ошкор шуданд, ки расмиёти ҳимоя дағалона вайрон шудааст ва ё тартиби барасмиятдарории парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ нест.

Аз ин рӯ, роҳбарони муассисаҳо, ки барои мутобиқати ҳайат ва фаъолияти Шӯрои диссертатсионӣ масъул мебошанд, бояд назоратро дар ин самт пурзӯр намоянд.

- Дар илм бояд сирқат набошад. Принсипҳои асосии фаъолияти комиссияро риояи қонуният, воқеъбинӣ, шаффофият ва беғаразӣ ташкил медиҳад. Дар доираи ин муқаррарот комиссия кӯшиш мекунад, ки парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои воридшуда ҳаматарафа ва воқеъбинона баррасӣ ва баҳогузорӣ карда шаванд, - таъкид намуд Абдулҳаким Розиқзода.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

## ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН: ИҶОЗАТНОМА БАРОИ 10 ИХТИСОСИ НАВ



**- Дастоварди аз ҳама муҳим ва чашмраси коллективи меҳнатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар соли 2022 иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати қадрдонӣ намудани заҳмату талошҳои аҳли мансубин, ба донишгоҳ табдил додани муассиса ва мақоми байналмилалиро касб кардани он ба ҳисоб меравад,- изҳор дошт ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Асрорзода Убайдулло Саттор зимни нишасти матбуотӣ, ки 9-уми феврали соли ҷорӣ доир гардид.**

Ректор дар идома зикр кард, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант ва Литсейи касбии хизмати шаҳри Хуҷанд ба тавозуни донишгоҳ гузаронида шуд. Иқдомоти мазкур ба раёсати донишгоҳ имкон фароҳам меорад, ки кадрҳои баланд-ихтисосро дар зинаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ омода созад. Дар баробари ин, соли гузашта кафедраи ҳарбӣ низ таъсис ёфт.

Ҳамчунин, огоҳӣ ёфтем, ки дар донишгоҳ вобаста ба эҳтиёҷоти иқтисоди миллӣ ва талаботи имрӯзаи бозори меҳнат дар доираи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, татбиқи муқаррароти «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040» барои пешбурди фаъолияти таълимӣ донишгоҳ аз рӯи ихтисосҳои нав - полиси сайёҳӣ, тибби сайёҳӣ, сайёҳии осоишгоҳӣ - табобатӣ, иқтисодиёти рақамӣ, зеҳни сунъӣ, кибернетикаи иқтисодӣ, хадамоти консулӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати берунӣ ва дипломатия иҷозатнома гирифт.

Яке аз масъалаҳои муҳими самти тарбия дар донишгоҳ дастгирии табақаи ниёзманд буда, 16 нафар ятими кулли дар донишгоҳ таҳсилдошта пурра аз пардохти маблағи таҳсил озод ва бо идрорпулӣ, хӯроки гарми яквақта, сарулибоси мавсимӣ таъмин мебошанд.

Дар шароити воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалиро роҳбарияти донишгоҳ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим шуморида, давоми соли гузашта бо 41 донишгоҳу донишкада ва марказҳои илмӣ - таҳқиқотии хориҷ аз кишвар шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонид.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

## ДАР ДАНҒАРА БУНЁДИ 179 ИНШООТИ ҶАШНӢ ДАР НАЗАР АСТ

**- Дар ноҳияи Данғара бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободонӣ идома доранд. Тибқи нақшаи тасдиқшуда, 179 иншооти таъиноти гуногун сохта мешавад, - иттилоъ дод дар ин бора муовини раиси ноҳия Садриддин Сайдализода 8 - уми феврали соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ.**



Бо ҷалби соҳибкорон эъмори 23 корхонаи хурду бузурги саноатӣ ба нақша гирифта шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки соли гузашта 7 корхона бо таъсиси 1152 ҷойи кори доимӣ мавриди истифода қарор гирифт. Маълум гардид, ки ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ 17 километр роҳҳои маҳаллии ноҳия мумфарш гардидааст.

Айни замон дар ноҳия Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» фаъолият менамояд, ки дар он 35 субъекти хоҷагидорӣ ба қайд гирифта шуда, 12 - тои он фаъолияти истеҳсолӣ доранд. Маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо ба 73 миллион сомонӣ баробар гардид.

Иҷрои нақшаи андоз 101,3 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 200,1 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2,5 миллион сомонӣ зиёд ва дар қиёс ба соли 2021-ум 14,1 миллион сомонӣ бештар мебошад. Бо мақсади дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ соли 2022 аз ҷониби Нозироти андози ноҳия 34 соҳибкор тибқи шаҳодатнома, 131 нафар тибқи патент, 11 шахси ҳуқуқӣ ва 39 хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун андозсупоранда ба қайд гирифта шуданд.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2022 ба 1,8 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021 - ум 82,2 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Бино ба иттилои номбурда, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавии ноҳия 38 ҳазору 770 гектар кишти зироати кишоварзиро ба роҳ монданд, ки аз ин 27 ҳазору 583 гектар ғалладона ва лӯбиёгӣ, 746 гектар картошка, 1280 гектар сабзавот (аз он 294,3 гектар пиёз), 4850 гектар пахта, 1245 гектар полезӣ ва 1746 гектар хӯроки чорво мебошад.

- Дар ин муддат 102 ҳазору 891 тонна ғалладонагӣ, 13 ҳазору 970 тонна картошка, 57 ҳазору 985 тонна сабзавот, 52 ҳазору 189 тонна полезӣ, 29 ҳазору 916 тонна мева, 15 ҳазору 885 тонна ангур, 19 ҳазору 384 тонна гӯшт, 22 ҳазору 858 тонна шир, 44 тонна моҳӣ, 3,1 тонна пилла, 74 тонна асал ва 7,3 миллион дона тухм истеҳсол шуда, афзоиш нисбат ба соли 2021 – ум 39 фоиз мебошад, - гуфт Садриддин Сайдализода.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ГӮШТИНИ МИЛЛӢ МАҚОМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ КАСБ НАМУД

**- Гӯштини миллӣ мақоми байналмилалӣ касб намуд. Дар ин бора 9-юми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов ректори он Шодӣ Сафаров мужда дод.** Зикр гардид, ки моҳи январи соли гузашта ин намуди варзиши тоҷикон дар Вазорати адлияи Швейтсария ба қайд гирифта шуда, соҳиби сертификати байналмилалӣ гардид. Бешак, ин дастоварди бузург аст. 19-уми марти соли 2022 дар пойтахти мамлакат пеш аз оғози Мусобиқаи байналмилалӣ аз рӯи гӯштини миллии тоҷикӣ, ҷиҳати мақоми байналмилалӣ бахшидан ба ин навъи варзиш бо иштироки намояндагони 31 давлати дунё конфронс баргузор гардид, ки иштирокчиён ин тасмимро ҷонибдорӣ карданд.

- Аксар навъҳои гӯштин дар ҷаҳон аз гӯштини миллии тоҷикон маншаъ гирифтаанд. Он мероси бузурги ниёгон ва шоистаи ифтихору сарбаландии мост ва зарур аст ҷиҳати ҳифзу густаришаш бештар кӯшиш ба харҷ диҳем. Гӯштини тоҷикӣ ҳамчун навъи миллии варзиш моро дар ҷаҳон беҳтар муаррифӣ хоҳад кард, - гуфт Ш. Сафаров.

Бояд зикр кард, ки 1-3-юми марти соли



равон дар пойтахт Мусобиқаи кушоди ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштини миллӣ баргузор мегардад.

Иттилоъ гирифтем, ки дар давраи мавриди назар кафедраи гимнастика, 5 синфхонаи кафедраи волейбол, толори теннис ва хобгоҳи донишкада таъмир шуданд. Айни замон беш аз 400 донишҷӯи донишкада ба дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи навъҳои гуногуни варзиш шомил гардидаанд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 7-уми марти соли 2023 музоядаҳои № 4 ва 5-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

### Музоядаи № 4

| № | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ – 3102 | 20-29 Е 01 | 2000 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3430 |
| 2 | ГАЗ – 3102 | 00-33 Е 01 | 2001 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3430 |
| 3 | ГАЗ – 3102 | 87-00 А 01 | 2004 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4116 |
| 4 | ВАЗ – 2106 | 96-69 А 01 | 1998 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3430 |
| 5 | ГАЗ – 3102 | 373 ХА 01 | 2001 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3773 |
| 6 | ГАЗ – 3110 | 50-02 В 02 | 1999 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3000 |
| 7 | ВАЗ – 2110 | 50-06 В 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 2000 |
| 8 | ГАЗ – 31029 | 50-18 В 02 | 1993 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3000 |
| 9 | ГАЗ – 31029 | 50-15 В 02 | 1995 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3000 |
| 10 | ГАЗ – 31029 | 50-24 В 02 | 1993 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3000 |
| 11 | ВАЗ – 21061 | 50-22 В 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3430 |
| 12 | ГАЗ – 2410 | 50-14 В 02 | 1991 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3250 |
| 13 | ГАЗ – 31029 | 50-30 В 02 | 1996 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3000 |
| 14 | ВАЗ – 2107 | 50-23 В 02 | 1997 | Прокуратураи вилояти Суғд | 2700 |
| 15 | ГАЗ – 3102 | 50-11 В 02 | 2001 | Прокуратураи вилояти Суғд | 3430 |
| 16 | ВАЗ – 2106 | 13-10 В 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3430 |
| 17 | ВАЗ – 2106 | 10-16 В 03 | 1992 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 2900 |
| 18 | ВАЗ – 2106 | 10-28 В 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3430 |
| 19 | ВАЗ – 2106 | 33-37 В 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3430 |
| 20 | ВАЗ – 2107 | 10-31 В 03 | 2003 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3600 |
| 21 | ВАЗ – 2106 | 10-20 В 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3000 |
| 22 | ГАЗ – 3102 | 10-10 В 03 | 1998 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3000 |
| 23 | ВАЗ – 2106 | 10-17 В 03 | 1997 | Прокуратураи вилояти Хатлон | 3000 |

### Музоядаи № 5

| № | Тамға | Рақами давлатӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чинбей | 729 ХА 01 | 2011 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 2 | Чинбей | 738 ХА 01 | 2011 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 3 | КАМАЗ – 53212 | 425 ХС 03 | 2002 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 40000 |
| 4 | Донг – Фенг | 420 ХС 03 | 2008 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 5 | BAW | 640 ХС 01 | 2012 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 80000 |
| 6 | Джинбей | 730 ХА 01 | 2011 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9600 |
| 7 | ЛЕБАО | 769 ХА 01 | 2011 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 56000 |
| 8 | КАМАЗ | 096 ZP 02 | 1988 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 44000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштирокку нандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ - 47/1 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **– шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи И.Сомонӣ - 47/1 тел: 83422 4-21-83, мобилӣ 92-758-00-96.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.



## ATTENTION TO THE UPCOMING SELECTION!

**Early Childhood Development to Build Tajikistan's Human Capital Project funded by the World Bank Ministry of Finance of the Republic of Tajikistan announces a competition for selection for the position: Project coordinator**

The Project Coordinator provides technical and managerial assistance to the MOF in the effective implementation of Project activities in close collaboration with the MOES and MOHSP. S/he should efficiently manage project activities, closely work with international and local consultants, and district coordinators toward the achievement of Project Development Objectives (PDO) in accordance with the requirements and procedures specified in the Financing Agreement, the Project Operating Manual and other Project documents.

**Qualification requirements**

1.University degree in Finance, Economics, Human Development (HD: education, health, social protection), Business Administration or equivalent;

2.Fluent Tajik, Russian and English languages in speaking, reading and writing satisfactory to the World Bank team;

3.Two reference letters from the non-public institutions satisfactory to both the MoF and the World Bank team.

4.Minimum 8 (eight) years of experience in public/ private sector including at least 3 years on managerial positions. Experience in human development sector is a strong advantage;

5.Minimum 4 (four) years of experience in management of projects funded by donor organizations, preferably by the World Bank and/or other International Financial Institutions (IFIs);

6.Strong project management knowledge and skills;

7.Experience in cross-sectoral activities, preferably in HD sectors;

8.Knowledge of the legislation of the Republic of Tajikistan in the relevant legal, institutional, contractual and financial issues and processes;

9.Effective business communication skills, organizational and presentation skills, the ability to work in a team and focus on solving problems;

10.Good knowledge of computer programs MS Word, MS Excel.

**To view the Terms of Reference, please follow the link below:**

https://docs.google.com/document/d/1TkS33Zc8pv81NZkz-xzvfmm5RQM5psQU/edit?usp=share_link&ouid=103693260577587624714&rtpof=true&sd=true

**Applicants must submit the following documents:**

• **Signed and dated cover letter in Russian or Tajik** should be submitting to Project Director Mr. Majidi Y.Kh. in the subject line of the cover letter, indicate the position for which the applicant is applying, and a brief justification of his/her qualifications for this position;

• Signed and dated CV in **English with contact information of two people** who can give recommendations;

• A copy of the diploma and other documents confirming the necessary qualifications;

• A copy of the certificate and recommendations, if any.

The deadline for submitting documents is February 28, 2023

**Documents must be submitted by e-mail to the following address:**

E-mail: jobs.info@ecdp.tj

Phone: (+992 37) 221 06 91

Chief Procurement Specialist Muso Sayfulloev

Additional information can be obtained at the above contact.



## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Сангтӯда ба Эшонкулов Чули додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0507440 таҳти № 33319-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Рӯдакӣ 16-уми марти соли 2015 ба Пардаева Саида додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи шаҳрвандии А 7123674-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2012 ба Алиев Файзиддин Камолович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи силсилаи А4192204-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Рӯдакӣ 5-уми январи соли 2007 ба Саидов Раҷабмурод Намозович (санаи таваллуд – 11-уми феврали соли 1990) додааст, эътибор надорад.

✓Дастгоҳи хазинавии «Миника 1102 Ф» таҳти № 1022478-и гумшудаи марбут ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нуралиев Ш» эътибор надорад.

✓Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0492792-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Хуҷанд 8-уми октябри соли 2021 ба Ғафурҷонов Азимҷон Мансурович (РЯМ 5130270420) додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0011750 ва Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ, ки онҳоро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Ишмурод Ниёзов, деҳаи Чорбоғ ба Норматов Шерзод додааст, дар асоси ҳалномаи Суди ноҳияи Қубодиён 4-уми марти соли 2022 бекор карда шудаанд, эътибор надоранд.

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО!



**ГУЛЗОДА МАҲМАДШОҲ ҚУРБОНАЛӢ,**
**ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, доктори илмҳои тиб, профессор, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон**

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

**Роҳбарияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» бо дарки масъулият баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба беҳтар намудани сатҳу сифати раванди таълиму тарбия дар макотиби олии кишвар, ки аз суханрониҳояшон зимни паёмҳову вохӯриҳо бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бармеоянд, роҳнамои фаъолият қарор дода, дар самти таълиму тарбия, таҳқиқоти илмӣ ва корҳои муолиҷавию хоҷагидорӣ чорабиниҳои судмандро амалӣ намуд.**

Роҳбарияти донишгоҳ ҷаҳонишавии таҳсилот, ҷараёни рушди илм ва талаботи имрӯза ба раванди таҳсилотро ба назар гирифта, «Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино то соли 2025»-ро таҳия намудааст ва бо мақсади татбиқи он дар самтҳои афзалиятнок корбарӣ сурат мегирад.

Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино панҷ факултет: тиббӣ, педиатрӣ, тиббӣ - профилактикӣ, стоматологӣ, фарматсевтӣ ва 60 кафедра фаъолият мекунад. Аз ҷумлаи 60 кафедра 36 кафедраи клиникӣ, 16 кафедраи тиббӣ - назариявӣ ва 8 кафедраи умумитаълимӣ мебошад. Кафедраҳои клиникии донишгоҳ (36 кафедра) дар пойгоҳи 27 муассисаи тиббии ҷумҳуриявию шаҳрии шаҳри Душанбе ҷойгир мебошанд.

Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар асоси Иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ ВТҲИА ВМИ № 0000087 аз 10-уми июни соли 2019 аз рӯи панҷ ихтисос: «Кори табобатӣ», «Педиатрия», «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа», «Стоматология» ва «Фарматсия» мутахассис омода менамояд.

Соли 2022 теъдоди донишҷӯёни донишгоҳ 12189 нафар, якҷо бо 1208 нафар муҳассилини баъдидипломии илмӣ ва муолиҷавӣ 13 ҳазору 397 нафарро ташкил намуд. Аз 12 ҳазору 189 нафар донишҷӯ дар факултети тиббӣ - 9593 нафар, педиатрӣ - 718, стоматологӣ - 1197, фарматсевтӣ - 310 ва тиббӣ - профилактикӣ 371 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли гузашта теъдоди донишҷӯён нисбат ба як соли пеш 1,2 фоиз афзуда, аз 11 ҳазору 572 ба 12 ҳазору 189 нафар расид. Шумораи донишҷӯдухтарон нисбат ба соли 2021-ум 1,2 фоиз зиёд шуда, нисбат ба шумораи умумии донишҷӯён 46 фоизро ташкил медиҳад.

Дар донишгоҳ 1949 нафар муҳассилини хориҷӣ аз 24 давлати дунё таҳсил мекунанд, ки назар ба соли 2022 қариб 500 нафар зиёд аст.

Дар донишгоҳ таҳсил бо се забон - давлатӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда, фазои таълимӣ бештар бо забони русӣ нигоҳ дошта шудааст.

Ҳайати профессорону омӯзгорони асосии донишгоҳ 780 нафарро (бо ҳамкорон 1047 нафар) ташкил намуда, 405 (51,9%) нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумӣ 347 нафар дорои дараҷаи илмӣ буда, дараҷанокии илмӣ дар донишгоҳ 44,5 фоизро ташкил медиҳад. Дар донишгоҳ як нафар академик, 4 нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳо ва илмҳои тиб, 83 нафар доктори илм, профессор, 259 нафар номзади илм, дотсентон ва 435 нафар муаллимони калон ва ассистентон ба донишҷӯён дарс мегӯянд. Омӯзгорони ҷавони то синни 35 - сола зиёд шуда, теъдодашон 256 нафарро ташкил менамоянд.

Донишгоҳи мо соли гузашта 1874 нафар мутахассиси соҳаи тандурустӣ тайёр намуд, ки 1518 нафар хатмкардагон шаҳрвандони мамлакат ва 356 нафар хатмкардагони хориҷӣ аз нуҳ давлати ҷаҳон мебошанд. Аз шумораи умумии хатмкардагон факултети тиббиро 1512 нафар, факултети тиббӣ дараҷаи бакалаврро - 337 донишҷӯи хориҷӣ аз Ҳиндустон, факултети педиатриро - 99, факултети фарматсевтиро - 63, факултети стоматологиро - 170 ва факултети тиббӣ - профилактикиро 30 нафар хатм карданд. Инчунин, соли таҳсили 2021-2022 ҳафт нафар шаҳрванди хориҷӣ зинаи баъдидипломии муолиҷавиро хатм намуданд. Ҳамчунин, шаш нафар шаҳрванди хориҷӣ зинаҳои доктор аз рӯи ихтисос PhD ва магистратураро бомуваффақият ба итмом расониданд.



Роҳбарияти донишгоҳ баҳри таъмини таҳсилоти босифат ҷиҳати ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълимдиҳӣ дар ҷараёни таҳсилот ба андешидани чораҳои иловагӣ аҳамияти бештар зоҳир менамояд. Баҳри таъмини таҳсилоти ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи муосир, расидан ба ҳадафи мазкур корҳои зиёди судманд ба сомон расонида мешавад. Вобаста ба ин, дар донишгоҳ гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ стандарт ва барномаҳои таълимӣ аз рӯи панҷ ихтисосе, ки дар донишгоҳ таълим дода мешаванд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор ёфт. Бо назардошти принсипҳои асосии Стандарти таҳсилоти умумиҷаҳонии таҳсилоти тиббӣ, барномаи таълимӣ аз рӯи ихтисосҳо мукаммал карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ (донишгоҳӣ) ва се барномаи таълимии он аз ихтисосҳои «Кори табобатӣ», «Стоматология», «Ташкили ҳифзи саломатии ҷомеа» дар ҷумҳурӣ яке аз аввалинҳо шуда, аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашт. Соли гузашта се барномаи таълимии боқимондаи ихтисосҳои «Педиатрия», «Фарматсия» ва ихтисоси «Кори табобатӣ» барои донишҷӯёни хориҷӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, аз ҷониби Ташкилоти мустақили аккредитатсионӣ ва рейтингӣ – НААР, ки шомили Ассотсиатсияи аврупоии кафолати сифат мебошад, ба донишгоҳ сертификатҳои мутобиқат дода шуд. Ҳамин тариқ, Муассисаи давлатии тиббии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва барномаҳои таълимии ихтисосҳои донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, ба талаботи стандартҳои Федератсияи ҷаҳонии таҳсилоти тиббӣ мутобиқ гардонида шуданд ва дорои сертификати мутобиқат мебошанд.

Қобили зикр аст, ки сифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисон аз маҳорати дарсомӯзии омӯзгор ва истифодаи усулҳои мукаммал ва муосири самараноки таълимдиҳӣ вобаста мебошад. Ҳоло вақти он расидааст, ки парадигма ё худ модели таълимдиҳӣ тағйир дода шавад. Дар донишгоҳ дар ин бобат кори зиёди судманд анҷом ёфта, дар назди омӯзгор вазифаҳои нав гузошта шудааст. Яъне, таҳсилоти муосири эътирофи ҷаҳонидошта водор месозад, ки барои донишҷӯ омӯхтан омӯзонида шавад. Дар назди омӯзгори муосир вазифа гузошта мешавад, ки донишҷӯро бештар барои худомӯзӣ, худташаккулдиҳӣ ва рушди фикрронии аналитикӣ омода созад.

Дар донишгоҳ лоиҳаҳои грантии Бонки ҷаҳонӣ - «Беҳсозии сифати таҳсилот дар ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», «Рушди инноватсионии таҳсилоти фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муқаррар намудани мақсадҳо ва воситаҳои баҳодиҳӣ барои таҳсилоти тиббӣ» бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ аз кишварҳои Аврупо ва Ҷумҳурии Қазоқистон амалӣ шуда истодааст ва дар доираи ин лоиҳаҳо технологияи инноватсионии таълимдиҳӣ ва мукаммалсозии баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот татбиқ мешавад. Афзалияти усули таълимдиҳии инноватсионӣ аз усули анъанавӣ дар он аст, ки бештар ба ташаккули фикррониии мустақилонаю аналитикии клиникии донишҷӯён равона шудааст. Дар баргузории дарсҳои амалӣ омӯзгор нақши тютор, яъне, роҳнамо (мураббӣ)-ро иҷро намуда, донишҷӯён бо истифодаи технологияи муосири таълимӣ-кейсҳои клиникӣ ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои (масъалаҳои ситуатсионӣ) клиникии тиббӣ машғул мешаванд. Ин яке аз усулҳои муосири таълимдиҳии эътирофгардида мебошад, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳонӣ васеъ ҷорӣ гардидааст. Дар соли таҳсили 2021-2022 усули нави CBL ва TBL ба дарсҳои амалӣ ворид карда шуд. Барои гузаронидани ин гуна дарсҳо аз тарафи омӯзгорони кафедраҳои клиникӣ зиёда аз 30 кейси клиникӣ омода карда шуд. Ин иқдоми роҳбарият дар баланд бардоштани сифати таҳсилот, савияи дониш ва салоҳияти хатмкунандагон нақши калидӣ мебозад.

Тибқи талаботи давлатӣ, соли 2007 бахши назорати сифат дар донишгоҳ таъсис ёфта, соли 2022 аз назорати сифат ба идоракунии сифати таҳсилот гузашта, системаи таъмини сифати таҳсилот ба низом дароварда шуд. Дар ин давра ҷараёни таълим тибқи принсипҳои асосии стандартҳои байналмилалии ИСО 9001:2015 ва Стандарт оид ба таъмини сифати таҳсилоти олии аврупоӣ (ESG) ба меъёрҳои давлатӣ ва байналмилалӣ мутобиқ карда шуд.

Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ дар ташвиқу тарғиби сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баланд бардоштани маърифати сиёсии донишҷӯён, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия намудани насли ҷавон силсилачорабиниҳо доир намуда, унсурҳои Консепсияи миллии тарбияро дар амал татбиқ менамоянд. Вобаста ба тарбияи ғоявӣ, сиёсӣ, тарбияи миллӣ, ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён соли гузашта як қатор силсилачорабиниҳои зеҳнӣ, илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ- фароғатӣ, варзишӣ, озмунҳои донишгоҳӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ ва дигар маҳфилҳо бо теъдоди 60 чорабинии дохилидонишгоҳию беруназдонишгоҳӣ ва 200 чорабинӣ дар сатҳи кафедраҳо, 106 маҳфилҳо ва 15 аксияи назди шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ баргузор гардид.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» як нафар донишҷӯи донишгоҳ ғолиби ҷойи якум аз номинатсияи адабиёти кӯдакона гардид.




Дар донишгоҳ тайёр намудани кадрҳои илмӣ тибқи таҳсил дар магистратура, аспирантура, докторантураи PhD ва докторантура ба роҳ монда шуда, соли 2022 теъдоди умумии довталабони дараҷаҳои илмӣ 226 нафарро ташкил намуданд. Соли гузашта дар шӯроҳои диссертатсионӣ 51 рисолаи илмӣ ҳимоя шуд, ки аз онҳо чор рисолаи докторӣ, 44 рисолаи номзадӣ ва се рисолаи доктори PhD мебошад.

Соли гузашта як нафар олими ҷавон ба Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ ва ду нафар олими донишгоҳ ба ҷоизаи АМИТ ба номи академик Е.Н.Павловский сазовор гардиданд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» аз донишгоҳи мо дар номинатсияи химия як нафар донишҷӯ сазовори ҷойи якум ва як нафар сазовори ҷойи дуюм гардиданд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон, дар баробари сарбории таълимиву тарбиявӣ ва илмию тадқиқотӣ, сарбории муолиҷавию машваратии ба дӯши онҳо гузоштаро сарбаландона иҷро менамоянд. Давоми соли 2022 аз тарафи ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ ба 52 ҳазору 418 бемор кумаки табобатию машваратӣ расониданд.




Донишгоҳ бо 72 муассисаи илмию таълимӣ ва ташкилотҳои хориҷии Федератсияи Россия, Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Молдова, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Туркия, Италия, Шоҳигарии Австрия, Олмон, Швейтсария, Канада, Британияи Кабир, Литва, Эстония, Франсия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Корея ҳамкории судманд ба роҳ мондааст. Дар соли 2022 ду созишномаи дуҷониба тамдид ва 12 созишномаи дуҷониба ба имзо расонида шуд.

Ҷиҳати татбиқи шартномаҳои мазкур дар донишгоҳ мунтазам барномаҳои мубодилаи академӣ, мактабҳои тобистона ва тадқиқотҳои илмӣ-амалии муштарак амалӣ карда мешаванд. Аз ин қабил, тибқи барномаи мубодилаи академӣ, соли гузашта 19 нафар донишҷӯи донишгоҳ ба Академияи давлатии тиббии Ижевск ҷиҳати идомаи омӯзиш дар давраи семестри баҳорӣ ва тирамоҳӣ равон карда шуданд.

Соли гузашта 21 нафар профессорону омӯзгорон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, аз қабили конференсияҳо, анҷуманҳо, семинарҳои омӯзишӣ ва хондани лексияҳою гузаронидани дарсҳои амалӣ ба донишҷӯёни хориҷӣ ба Италия, Швейтсария, Олмон, Австрия, Туркия, Молдова, Ӯзбекистон, Федератсияи Россия, Ҳиндустон, Қазоқистон ва ғайра сафар намуданд. Чил нафар донишҷӯёну интернаҳо аз Академияи давлатии тиббии Ижевск, Академияи тиббии Қазоқистони Ҷанубӣ, Филиали Академияи тиббии Тошканд дар шаҳри Термез, Донишгоҳи миллии тиббии Қазоқистон ба номи С. Д. Асфендияров барои таҳсили семестри баҳорӣ ва тирамоҳӣ, гузаштан аз таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба донишгоҳи мо омаданд.

Соли 2022 дар донишгоҳ ҳафт лоиҳаи байналмилалии инвеститсионӣ амалӣ гардида, аз ҷониби ин лоиҳаҳо ба донишгоҳ маводи таълимӣ ва технологияи муосир барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани дарсҳо ва озмоишҳои илмӣ - амалӣ ворид карда шуд.

Баҳри беҳтар кардани шароити таҳсил дар донишгоҳ як қатор корҳои сохтмонӣ, таъмирӣ ва созандагию ободонӣ анҷом дода шуд. Бо иқдоми созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми апрели соли 2017 барои бунёди биноӣ маъмурӣ ва таълимии даҳошёна дар ҳудуди Маҷмааи таълимии шаҳраки «Шифобахш»-и донишгоҳ санги асос гузошта шуда, сохтмони бинои мазкур анҷом ёфт ва 1-уми сентябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Рӯзи дониш» ва «Дарси сулҳ» бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро мавриди истифода қарор доданд.

Бинои таълимию маъмурии навбунёд аз бинои нави маркази даҳошёна бо ду бинои чорошёна аз канорҳои чапу рости он иборат буда, барои фаъолияти маъмурият ва таълими донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Дар ин бино толори калони маҷлисӣ бо 1600 ҷойи нишаст мавриди истифода қарор гирифт.

Бино аз 62 синфхонаи таълимии барҳаво, толори компютерӣ, 90 ҳуҷраи корӣ, 26 нуқтаи ёрирасон, ду толори лексионӣ, ду толор ва чор озмоишгоҳи таълимӣ барои омӯзиши нозукиҳои илми тиб иборат мебошад. Дар синфхонаҳо, толорҳо ва озмоишгоҳҳо 2262 ҷойи нишасти иловагӣ ташкил карда шуд.

Дар бинои маъмурӣ Маркази омӯзиши симулиятсионӣ низ ҷойгир буда, бо таҷҳизот ва мизу курсиҳои муосир ҷиҳозонида шуданд. Марказ аз 10 ҳуҷраи махсусгардонидашуда иборат буда, дар он вобаста ба салоҳияти асосии табибон барои расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, ҳуҷраҳои муоинаи бемор, реаниматсияи дилу шушҳои калонсолон, наврасон ва навзодон, ҳуҷраи ултрасадо ва ҳуҷраи расонидани кумаки аввалияи тиббӣ шароити мусоид фароҳам мебошад. Инчунин, дар марказ автомашинаи ёрии таъҷилӣ насб шудааст, ки тариқи он донишҷӯён ҳолати расонидани кумаки аввалияи тиббиро меомӯзанд.

Қобили зикр аст, ки ҳама кафедра ва сохторҳои донишгоҳ бо компютер, тахтаҳои электронӣ, асбоби мултимедӣ, экранҳои интерактивӣ ва шабакаи интернетӣ таъмин буда, коргузории байни кафедра ва сохторҳо электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, шумораи компютерҳо дар донишгоҳ 1299 адад, ноутбуку нетбук - 105, планшет 900 адад буда, ҷамъ 2304 ададро ташкил медиҳад.

Китобхонаи донишгоҳ бо толорҳои кушоду барҳавои хониш, толорҳои электронии дорои 627 ҳазору 488 нусха адабиёти таълимию илмӣ ва гуногуни бадеӣ буда, аз ин ганҷинаи бебаҳо донишҷӯён босамар истифода мебаранд.

Ҳамчунин, дар Маҷмааи таълимии шаҳраки «Шифобахш»-и донишгоҳ моҳи сентябри соли гузашта сохтмони бинои дуошёнаи ошхонаи замонавӣ бо 600 ҷойи нишаст барои донишҷӯён ва омӯзгорон ва Боғ-гулгашти истироҳатию фароғатии нав дар шафати кӯчаи Сино аз назди муҷассамаи Абӯалӣ ибни Сино то бинои Сафорати Федератсияи Россия дар масоҳати 1,87 га ба охир расонида, барои донишҷӯён ва аҳолии шаҳри Душанбе ба истифода дода шуд.

Роҳбарияти Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон баҳри боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсил, бо назардошти вазифаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди масъулони соҳаи маориф гузоштанд, кӯшиш намуда, барои омода кардани мутахассисони кордону босалоҳият саъю кӯшиш менамояд.

**Мо - роҳбарият ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, бовар дорем, ки шумо, довталабони азиз, барои идомаи таҳсил донишгоҳи моро интихоб намуда, зиндагии ояндаатонро сарфи табобату муолиҷаи халқ карда, ба савганди Гиппократ содиқу вафодор мемонед.**

**Ба шумо барор ва комёбӣ таманно менамоем.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 феврали соли 2023, соати 20:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97